# Тақриз

Ба автореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович оид ба мавзӯи «Хусусиятҳои морфо- биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Заминҳои обёришавандаи вилояти Суғд манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, аз онҳо дар мавсим рӯёнидани ду-се ҳосил яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва маҳсулнокии истеҳсолот ба шумор меравaнд. Барои ноил гаштан ба ҳалли ҳадафи стратегии мамлакат таъмини амнияти озуқаворӣ корҳои илмии таҳқиқотӣ дар самтҳои ихтирои навъҳои серҳосилу тобовар ба тағирёбии иқлим ва дар истеҳсолот ҷори намудани навъҳо равона гаштааст.

Таҳқиқотҳои Валиев Ҷамшед Абдумаликович ба масъалаи зиёд намудани истеҳсоли ҷуворимакка бахшида шуда, дар давраи таҳқиқот омӯзиши хусусиятҳои морфологию биометрикии 500 намунаҳои ҷуворимаккаҳои селексияи навъҳои маҳаллӣ, синтетикӣ ва шаҷараҳои худгардолудшаванда мавриди таҳқиқ қаор дода шуданд, ки онҳо ҳамчун маводҳои арзишнок дар оянда барои корҳои селексионӣ ва истеҳсолот истифода бурда мешаванд.

Унвонҷӯ Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар натиҷаи корҳои селексионӣ ҷуворимаккаи навъи «Истиқлол»-ро ихтироъ кардааст, ки ҳосилнокии донаш ба 80-85 с/га баробар ва он нисбат ба навъи назоратии «Зарафшон» -10,5 с/га зиёд аст. Инчунин санҷишҳои истеҳсоли дар майдони 30 га нишон доданд, ки ҳосилнокии дони ҷуворимаккаи навъи «Истиқлол» дар кишти асосӣ 85,0 с/га ва такрорӣ 70,0 с/га-ро ташкил медиҳад.

Унвонҷӯ Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар натиҷаи омӯзиши хусусиятҳои морфологию биометрикии намунаҳои ҷуворимаккаи ватанию хориҷӣ, намунаҳои ҷуворимаккаро вобаста ба давомнокии давраи нашъунамояш ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст. Аз ҷумла намунаҳои тезпаз (85-95) шабонарӯз, миёнапаз (96-110) шабонарӯз, миёнадерпаз (111-120) шабонарӯз ва дерпаз зиёда аз 120 шабонарӯз. Ҳосилнокии дони намунаҳои тезпаз 52,5-60,8 с/га, миёнапаз 71,4-77,6 с/га, миёнадерпаз 76,6-77,1 с/га ва дерпаз зиёда аз 83,0 с/га-ро ташкил медиҳад.

Унвонҷӯ Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар натиҷаи гузаронидани ҷуфтигузаронии ҷуворимаккаи маҳаллӣ бо навъу намунаҳои ҷуворимаккаи хориҷӣ, комбинатсияҳои бехтаринро муайян

намудааст, ки дурагаҳои онҳо қобилияти баланди ҳосилнокӣ доранд. Аз ҷумла комбинатсияҳои (КАЗ.ЗП-110 х Зарафшон), (Зарафшон х Октябирский), (Арман х ЛФ-31), (КАЗ.ЗП-110 х ЛФ-31), (Октябрский х Дилшод), (К-678 х КАЗ.ЗП-110), ҳосилнокии дони онҳо баробари 79,4-82,8 с/га ва он нисбат ба навъи муқоисавӣ- 4,0-7,4 с/га зиёд мебошад.

Дар маҷмӯъ таҳқиқотҳои унвонҷӯ Валиев Ҷамшед Абдумаликов дар шароити шимоли Тоҷикистон ба анҷом расида дониста шуда, худи муаллиф Валиев Ҷамшед Абдумаликович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 селексия ва тухмипарварӣ сазовор мебошад.

Муовини сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд Маҳмудзода А.

Имзои Маҳмудзода А-ро тасдиқ менамоям.

Сармутахассиси бахши ташкилӣ Раҳматов Ф.